«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ д.и.т., профессор
__________ Ибодуллозода А.И.
«___» __________ соли 2023

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Диссертатсия Сатторов Нурали Саидалиевич дар мавзуи **«Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

Сатторов Нурали Саидалиевич ҳамчун унвонҷӯ дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз соли 2013 ба таҳқиқоти илмӣ машғул мебошад.

Роҳбари илмии Сатторов Нурали Саидалиевич доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло** мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, аз 26.02.2013, қарори №8/5.6 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертант Сатторов Нурали Саидалиевич 19-уми июни соли 2021, таҳти №04/268 дар мавриди супоридани имтиҳонҳои номзадӣ маълумотнома додааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик калимасозӣ яке аз роҳҳои муҳимми такмили таркиби луғати забон маҳсуб меёбад. Дар ҳамаи давру замонҳо маҳз калимасозӣ яке аз сарчашмаҳои асосии ғановати таркиби луғавии забонҳо эътироф гардидааст. Мардум дар тули асрҳо барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти худ бо истифода аз қолабҳои гуногун калимаҳои зиёде сохтаанд, зеро дар натиҷаи дигаргуниҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмӣ, маданӣ ва умуман пешравии ҷомеа забон низ ҳамзамон рушду такомул меёбад.

Воқеан, таҳқиқи забоншинохтии асаре метавонад, дар муайян намудани манзараи инкишофи забон дар марҳилаи муайяни таърихӣ нақше дошта бошад. Аз ин рӯ, таҳқиқу баррасии нақши воҳидҳои

луғавии забони арабӣ дар сохтори калимасозӣ такя ба «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ аз аҳаммияти волои илмӣ бархурдор буда, саривақтӣ ва айни муддао ба шумор меравад.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқе, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ** нишон дода шудааст, комилан мувофиқат мекунад. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мақсади таҳқиқ** таҳлилу баррасии нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ иборат аст. Ҳарчанд дар робита ба иқтибосот аз ҷониби забоншиносони тоҷик таҳқиқоти гуногуни монографӣ сурат гирифта бошад ҳам, ҳанӯз масоили зиёде дар ин ҷода, аз қабили ҷойгоҳи воҳидҳои лексикии иқтибосӣ дар калимасозӣ, хусусиятҳои сарфию наҳвии иқтибосот, таркибу сохтори синтаксисии таъбирҳои иқтибосӣ ва ғайра ниёз ба омӯзиши бештар дорад. Барои расидан ба ҳадафҳо муаллифи диссертатсия дар назди худ чунин вазифаҳо гузоштааст:

- гирдоварӣ ва гурӯҳбандии маводи марбут ба воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ;
- нишон додани мухтассоти калимаҳое, ки бо унсурҳои луғавии забони арабӣ сохта шудаанд;
- ошкор намудани нақши воҳидҳои луғавии забони арабӣ дар сохтани исмҳо;
- муайян сохтани нақши калимаҳои арабӣ дар калимасозии феъли забони тоҷикӣ ва мақоми он дар ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаи таҳқиқ** «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ (Чаҳор қисм. Иборат аз як китоб. –Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009. – 680 с.) истифода шудааст.

Муаллифи диссертатсия дар ҷараёни баррасии масъалаҳои ба мавзуи таҳқиқ рабтдошта аз асарҳои илмию назариявии олимони забоншиноси шинохтаи ватанию хориҷӣ истифода намудааст.

Асосҳои назарявӣ ва методологии диссертатсияро асарҳои бунёдии забоншиносони ватанию хориҷӣ ба мисли Е.Э. Бертелс, Л.С. Пейсиков, В.С. Расторгуева, Т.А. Алескерова, А.З. Розенфелд, М. Баҳор, Хусрави Фаршедвард, Д.Т. Тоҷиев, Т. Зеҳнӣ, Ш. Ниёзӣ, Ш. Рустамов, Д. Хоҷаев, М. Муҳаммадиев, Қ. Тоҳирова, С. Ҳалимов, Муҳаммад Асъад Аннодирӣ, Фикрӣ Иброҳим Салим, Н. Маъсумӣ, Х. Ҳусейнов, С. Сулаймонов, Ҳ. Талбакова, Ҳ. Маҷидов, Ю. Нурмуҳаммадов, Х. Ҳошимбеков, М. Раҳмонӣ, О. Қосимов, С. Раҳматуллозода, М. Олимҷонов, С. Қаландаров, М. Саломов, С. Низомова, А. Амлоев, Ҷ. Валиев ва олимони дигар ташкил додааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки дар диссертатсия бори нахуст: - нақши воҳидҳои луғавии забони арабӣ дар калимасозии тоҷикӣ дар асоси «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ; - калимасозии пасвандҳои тоҷикӣ бо иқтибосоти арабӣ; - калимасозии исмҳои мураккаби тобеъ дар

такя ба иқтибосоти арабӣ; - калимасозии феъл дар «Ёддоштҳо» мавриди баррасӣ қарор гирифта, феълҳои таркибии номӣ, ки бо ёрии феълҳои ёридиҳандаи забони тоҷикӣ ва калимаҳои иқтибосии арабӣ сохта шудаанд, баррасӣ гардидааст.

Навгонии рисола боз дар ин аст, ки бори аввал ба таври нисбатан мукаммал маводи марбут ба масъалаи таҳқиқи вижагиҳои луғавии иқтибосоти арабӣ дар асоси «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ аз ҷониби муҳаққиқ муайян гардидааст.

Диссертатсияи номзадии Сатторов Нурали Саидалиевич аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назариявӣ ва амалиаш** дар он зоҳир меёбад, ки тавсияҳои амалии диссертатсияро метавон дар навиштани корҳои илмӣ ҳамчун адабиёти назариявӣ дар робита ба калимасозии тоҷик, раванди таълими бахшҳои луғатшиносӣ ва сарфи забони адабии тоҷик ва таҳияи китобу дастурҳои таълимӣ оид ба забони адабии муосири тоҷикӣ ба таври густурда истифода кард.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Сатторов Нурали Саидалиевич дар 14 мақолаи муаллиф, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 10 мақола дар маҷмуаҳои илмӣ ва конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр шудаанд, инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошад.

Мақолаҳои банашррасида ба мавзуи таҳқиқ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва авторефератро инъикос менамоянд. Рӯйхати мақолаҳои нашрнамудаи муҳаққиқ чунин аст:

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Сатторов Н. Истифодаи масдарҳои арабӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ. [Матн] / Н. Сатторов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ №3 (58-2). – 2014. – С.361-364. ISSN 2219-5408

[2-М]. Сатторов Н. Тағйироти овоии иқтибосоти арабӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи) «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ. [Матн] / Н. Сатторов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон № 4/9 (185). – 2015. – С.65-67. ISSN 2416-560X

[3-М]. Сатторов Н. Нақши калимасозии морфемаи «Хона» дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ. [Матн] / Н. Сатторов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ № 1 (84). – 2020. – С.100-103. ISSN 2219-5408

[4-М]. Раҳматуллозода С., Сатторов Н. Мавқеи калимасозии воҳидҳои луғавии арабӣ бо пасванди -ӣ/-гӣ дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ. [Матн] / С. Раҳматуллозода, Н. Сатторов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. № 6 (107). – 2023. – С.29-34. ISSN 2219-5408

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашриёҳои дигари илмӣ:**

[5-М]. Сатторов Н. Калимаҳои мураккаб ба ҷузъи арабӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ. [Матн] / Н. Сатторов // Маҷмуаи

мақолот (маводи ҳамоишии байналмиллалии «Устод Садриддин Айнӣ поягузори адабиёти реалистии халқҳои Осиёи Марказӣ») (Душанбе 16-17 апрели соли 2018). – Душанбе, 2018. – С.327-335.

[6-М]. Сатторов Н. Забони адабӣ ва рисолати давлатии он. [Матн] / Н. Сатторов // Анвори дониш (маҷмуаи илмӣ). – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2020. – С.215-217.

[7-М]. Сатторов Н. Таҳлили масоили калимасозӣ дар забоншиносии Рус ва Аврупо. [Матн] / Н. Сатторов // Маҷаллаи илмӣ-омӯзишии муҳаққиқони ҷавон «Муҳаққиқ». № 1 (52). – 2021. – С.31-33.

[8-М]. Сатторов Н. Баъзе масъалаҳои калимасозӣ аз нигоҳи Шарофиддини Рустам. [Матн] / Н. Сатторов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами забонишносии миллӣ» бахшида ба 90 солагии Шарофиддини Рустам (5-уми майи соли 2021). – Душанбе: ҶДММ «Мулквар», 2021. – 178 с. – С.167-175.

[9-М]. Сатторов Н. Нақши пасвандҳо дар калимасозӣ бо иқтибосоти арабӣ (дар мисоли «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ). [Матн] / Н. Сатторов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 90 солагии таъсисёбии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва 50 солагии таъсисёбии кафедраи забонҳои хориҷии умумидонишгоҳӣ. – Душанбе, 2021. – С.296-298.

[10-М]. Сатторов Н. Хусусиятҳои калимасозии лексикаи мансуб ба Рустам дар «Шоҳнома». [Матн] / Н. Сатторов // Атри сухан (маҷмуаи илмӣ). – Душанбе, 2021. – С.139-153.

[11-М]. Сатторов Н. Феълҳои таркибии номӣ дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ (ҷилди 3-4). [Матн] / Н. Сатторов // Истиқлоли давлатӣ ва рушди забони тоҷикӣ (Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба рӯзи байлалмилалии забони модарӣ (21-уми феврал) дар мавзуи «Истиқлоли давлатӣ ва рушди забони тоҷикӣ» (16-уми феврали соли 2022). – С.82-85.

[12-М]. Сатторов Н. Калимасозии морфологии исм дар повести «Ситораҳои сари танӯр»-и Сайф Раҳимзоди Афардӣ. [Матн] / Н. Сатторов // Маҷаллаи илмӣ-омӯзишии муҳаққиқони ҷавон «Муҳаққиқ». № 1 (54). – 2022. – С.21-24.

[13-М]. Сатторов Н. Калимасозии пасванди -гор бо вожаҳои иқтибосии арабӣ (дар мисоли «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ). [Матн] / Н. Сатторов // Умри Айнӣ аз барои халқ сарфи хома шуд. Маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе, 2022. – С.228-233.

[14-М]. Сатторов Н. Таҳаввулоти луғавӣ-маъноӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ. [Матн] / Н. Сатторов // Маҷаллаи илмии «Масъалаҳои забоншиносӣ» № 1 (1), 2022. – С.127-132.

Мавзуи таҳқиқшаванда ба самти таҳқиқи илмии кафедраи назария ва амалияи забоншиносии факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ робитаи бевосита дошта, барои равшан гардидани вазъи забони адабии тоҷик, махсусан таҳқиқу баррасии нақши воҳидҳои луғавии забони арабӣ дар

сохтори калимасозӣ такя ба «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ мусоидат менамояд. **Натиҷаҳои таҳқиқи** мавзуъ метавонад, барои навиштани китобу дастурҳои таълимӣ оид ба забоншиносӣ ва омӯзиши забони тоҷикӣ хизмат намояд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ аз он иборат аст, ки дар заминаи омӯзишу таҳлили асарҳои назарявии донишмандони ватанию хориҷӣ асосҳои назариявию амалии мавзуи таҳқиқи диссертатсиониро мушаххас намуда, маводи осори таҳқиқшавандаро дар заминаи усулҳои муосири забоншиносӣ баррасӣ намудааст.

Кафедраи назария ва амалияи забоншиносии факултети филолгияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи унвонҷӯ Сатторов Нурали Саидалиевичро дар мавзуи **«Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ҷавобгӯст. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул гардид.

Дар ҷаласа иштирок дошт: 12 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдор - 12 нафар. Зид - нест. Бетараф - нест. Суратҷаласаи №4, аз 29.11.2023.

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент, мудири кафедраи
назария ва амалияи забоншиносӣ — Шерализода Адолат Шералӣ

Котиби илмӣ:
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи
назария ва амалияи забоншиносӣ — Юсупов Шоҳин Рҳимбердиевич

Имзоҳои А.Ш. Шерализода ва
Ш.Р. Юсуповро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ — Мустафозода Абдукарим

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
e-mail: info@tgpu.tj
www.tgpu.tj